Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА– 015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10 а)

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзуи “Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

**1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Соҳаи саноат дар иқтисодиёти мамлакат нақши муҳим дошта, рушди он дар таъмини иқтидори захиравии иқтисодиёт ва фароҳамсозии вазъи устувори иҷтимой- иқтисодӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нақши калон дорад. Вобаста ба ин зарурати омӯзиши асосҳои назариявию методологии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсолӣ дар давраи амалигардонии вазифаҳои Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2023 бармеояд. Инчунин рушди иқтисодиёти миллӣ ва масъалаи саноатикунонии босуръат дар мақоми аввал гузошта шудааст ва нақшаи гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли аграрӣ – индустриалӣ ба индустриалӣ – аграрӣ дар ҷумҳурӣ яке аз масъалаҳои стратегӣ ба ҳисоб меравад. Бояд тазаккур дод, ки барои баланд бардоштани сатҳи молиявии корхонаҳои саноатӣ зарурате дар пеш меистад, ки имкониятҳои ҷойдоштаро бо тариқи усулҳои муосири омӯзиш муайян месозад. Вобаста ба ин, баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аз омилҳои гуногун вобаста буда, таъсири онҳо дар шароити ноустувори рушди иқтисодӣ ва таҳаввулоти рақамикунонии истеҳсолот бештар гардидааст. Ин вазифа водор менамоянд, ки идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноати истеҳсоли маҳсулоти ширӣ вобаста ба таъмини самаранокии истеҳсолоти ширӣ ба сифати низоми пешбарандаи истеҳсолоти саноатӣ дида баромада шавад. Инчунин то ҳол таъмини самаранокии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои

саноатиии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба таври пурра ҳаллу фасли худро наёфтааст.

Бояд қайд кард, ки асосҳои илмӣ-методологӣ ва амалии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатиии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шароити муосир то ҳол дар адабиётҳои илмӣ ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Ин, дар навбати худ, зарурати ногузирро тасдиқ намуда, боиси аҳамияти баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мегардад, мубрамият ва интихоби мавзуи таҳқиқотро асоснок мекунад.

2.**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.** Диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзуи "Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)" ба Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои КОА-и назди Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика 08.00.04.01– Иқтисодиёт ва идора вобаста ба самти фаъолият (08.00.06 – Ташкил ва идораи корхона, низомҳо ва комплексҳо) ва қисматҳои алалхусус дар автореферат ва диссертатсия овардашуда мувофиқат мекунад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Навгонии илмии таҳқиқот аз таҳияи заминаи назариявӣ – методӣ ва тавсияҳои амалӣ иборат мебошад, ки барои такмили усулҳо ва механизми баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Бояд тазаккур дод, ки аз ҷониби муаллиф ба ҳимоя нуқтаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои хусусиятҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- дар заминаҳои омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ – методӣ моҳияти фоидаи корхонаҳои саноатӣ ҳамчун ҳадафи асосии фаъолияти соҳибкорӣ, муайян ва асоснок карда шудааст. Баландбардории фоида ҳамчун меъёри муайянкунандаи самаранокии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аниқ карда шудааст;
- муҳимияти баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо далеловариҳои иқтисодӣ исбот ва аниқ

карда шудааст, ки ин нишондиҳанда таъсири ҳамаи омилҳои хоҷагидории истеҳсоли маҳсулоти шириро инъикос менамояд;

- идоракунии фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо назардошти раванди тақсимот ва истифодаи минбаъдаи он бо мақсади дарёфти таносуби оптималии байни қисми истеъмолшуда ва капитализатсияшудаи фоида метавонад омили самарабахши баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ гардад, муайян карда шудааст;
- ҷорӣ намудани технологияҳои нави рақамӣ, ба роҳ мондани фаъолияти инжиниринг, реинжиниринг ва истифодаи самараноки дигар равандҳои инноватсиониро ҳамчун самтҳои асосии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ пешниҳод шудааст;
- кам кардани хароҷоти меҳнати зинда ва таъсиси кластерҳоро дар баробари аз нав кардани воситаҳои истеҳсолот ҳамчун роҳҳои баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аниқ ва пешниҳод шудааст;
- ҳалли самараноки рушди инноватсионии корхона ва паст карда тавонистани нархи фурӯши маҳсулотро дар як вақт дар доираи равиши нисбатан нави стратегӣ бо принсипи амбидекстрӣ ҳамчун такмил додани роҳҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ асоснок карда шудааст.

**4.Сохтор, мундариҷаи диссертатсия ва сатҳи асосноккунии дастовардҳои илмӣ.**

Сохтори диссертатсия, гузориши мақсад ва мантиқи алоқамандии онро тасдиқ мекунанд, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, ҷиҳати таҳлили васеи муаммоҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва асосҳои назариявию методологиро коркард намудааст.

Диссертатсияи тақризшаванда сохтори пайгирона дошта дар он бо ҳадаф, вазифаҳо ва мантиқи дохилии тадқиқот муайян карда шудаанд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсия асоснок карда шуда, дараҷаи азхудкунии масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия(с.16-62)-«Асосҳои назариявии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ»** моҳияти иқтисодӣ, мазмун ва таснифи фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, асосҳои методии идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, таҷрибаи байналхалқии идоракунии кам кардани хароҷотҳои истеҳсолӣ бо мақсади паст намудани арзиши аслии маҳсулоти ширӣ таҳқиқ карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия андешаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба накш ва мафҳуми фоида ва идоракунии он, вазифаҳои фоида ва аҳамияти он дар сатҳи давлат ва корхона ба таври васеъ шарҳ дода шудааст. Унвонҷӯ Сафарзода Г.Г. дуруст қайд намудааст, ки "дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳар як соҳибкоре, ки фаъолияти худро шурӯъ мекунад, мақсади асосии вай қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон бо хароҷотҳои камтарин ва гирифтани фоидаи максималӣ мебошад" (с.17). Муаллиф дар асоси омӯзиши адабиётҳои олимони соҳа нақши фоидаи корхонаҳои саноатиро дар шароити иқтисодиёти бозорӣ дар баробари ҳадафи асосии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчунин меъёри самаранокии фаъолият, манбаи асосии дохилии ташаккули захираҳои молиявии корхона, манбаи асосии афзоиши арзиши бозории корхона, механизми асосии муҳофизатӣ аз муфлисшавӣ ва ниҳоят замина барои тараққиёти иқтисодиёти миллӣ аниқ намудааст (с.20-22).

Муаллиф моҳияти идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро таҳқиқ карда манбаҳои пайдоиши фоидаро аз рӯи адаиётҳои истифодашуда амиқ омӯхта, фоидаро аз рӯи манбаҳои ташаккули он (расми 1.2.1) тасниф намудааст(с.33). Моҳияти фоида ҳамчун меҳвари фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ (расми 1.2.3) дар баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ, сарчашмаи қонеъгардонии талаботҳои моддии кормандон, асоси рушди корхонаҳои саноатӣ, прогресси илмӣ-техникӣ, беҳтар намудани сифати маҳсулот, сарчашмаҳои иловагии фоида, истеҳсоли номгӯи нави маҳсулот, афзоиши арзиши корхонаи саноатӣ, баромадан ба бозорҳои нав ва баланд гардидани имиҷи корхона дар диссертатсия асоснок гардидааст (с.39).

Дар диссертатсия муаллиф вобаста ба моҳияти фоида вазифаҳои онро ба назоратӣ, такрористеҳсолӣ, ҳавасмандгардонӣ, ташаккул

додани буҷет, иҷтимоӣ, баҳодиҳӣ ва тақсимотӣ ҷудо намуда (ҷадвали 1.2.1.), аниқ намудааст(с.42) ва вобаста ба хусусияти мураккаби ташаккули қарорҳои идоракунӣ дар баробари принсипҳои умумии идоракунӣ принсипҳои системаи идоракунии фоида, моҳияти илмии усулҳои баҳодиҳии даромаднокии корхона, баҳисобгирии мутаносибии оптималии сатҳи фоида ва сатҳи қобили таваккал дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ пешниҳод карда шудааст (с.43).

Дар асоси таҳлили таҷрибаи хориҷии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ муаллиф дуруст қайд намудааст, ки "захираи назарраси афзоиши фоида аз байн бурдани пардохтҳои истеҳсолӣ барои музди меҳнат аз ҳисоби пардохт барои бекористии рӯзона ва соатҳои бекористии дохилӣ, пардохтҳои иловагӣ барои кори изофагӣ, пардохтҳои иловагӣ ба коргарон бо сабаби дур шудан аз шароити муқаррарии кор, кам кардани талафот аз ҳисоби нуқсон, вайрон шудани масолеҳ ва маҳсулот, аз ҳисоби хароҷотҳои хизматрасонӣ ва идоракунӣ дар истеҳсолот рафъ сохтани хароҷотҳои истеҳсолӣ ва талафоти маблағ мебошад" (с.45).

Ба ақидаи муаллиф дар аксари корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ норасогии арзишҳои молу масолеҳ вуҷуд дорад, аммо миқдори онҳо дар ҳисобот дида намешавад ва онҳо дар хароҷотҳои моддӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки идоракунии хароҷот ва самаранокӣ низоми равандҳои ба ҳам алоқаманд буда, ба андоза ва сохтори хароҷот ва натиҷаҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсири мақсаднок мерасонад. Инчунин усулҳои идоракунии хароҷотро, ки ба сарфаю сариштакорӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо, таҳлил ва самаранокии истифодаи онҳо дар асоси стандартҳои мавҷуда асос ёфтаанд, омӯхта бартариятҳо ва камбудиҳои онҳоро ҳангоми истифода дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ муайян намудааст (с.49-56).

**Боби дуюми диссертатсия-"Ҳолати муосири идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе" (с.63-107)** ном дошта, он ба таҳқиқи масъалаҳои зерин бахшида шудааст: таҳлил ва арзёбии фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе, муайян намудани омилҳои ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасон ва баҳои ҳолати таъсиррасонии омилҳои муайяншуда ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти хоҷагидорӣ.

Муаллиф ҳолати молиявии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро таҳлил намуда, ҳаҷми фоида ва фоиданокӣ аз фурӯшро муайян намуда, дар баробари муайян намудани сабабҳои таъсиррасон дуруст қайд намудааст, ки "рақобат дар бозори ширӣ корхонаҳоро водор месозад, ки стратегияи маркетинги сиёсати нархгузорӣ ба ташаккули тамғаи молӣ ва талаботи истеъмолии худро мунтазам мукаммал созанд ва чораҳои дар ин самт андешидашуда имкон медиҳад, ки моли истеҳсолшуда дар бозор ҳамеша дорои талабот бошад"(с.70). Идоракунии хароҷот, ки иштирок ва ҳамкории мутобиқшудаи ҳамаи воҳидҳои сохтории корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро дарбар мегирад ва дар такя бо таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи хориҷӣ муаллиф ҷорӣ намудани усули низоми идоракунии хароҷотро, ки ба кам шудани арзиши аслии маҳсулоти ширӣ, беҳтар шудани натиҷаҳои молиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулотӣ ширӣ ёрӣ мерасонад, пешниҳод намудааст ва интихоби усули идоракунии хароҷот АВС-ро барои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе асоснок намудааст (с.74-75).

Омилҳои таъсиркунанда ба идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро баҳогузорӣ намуда муаллиф онҳоро гурӯҳбандӣ (расми 2.2.4., с. 80), тасниф намуда (расми 2.2.5., с. 84), сатҳи таъсиррасонии онро муфассал асоснок намудааст. Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки паст кардани арзиши аслии маҳсулот, диверсификатсияи маҳсулот, банақшагирии молиявӣ, кам кардани хароҷотҳо, таъсиси бозорҳои нав, ба иҷора додан ё фурӯши моликияти дар истифода қарорнадошта, ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои нав дар асоси истеҳсолт ва реструктуризатсия сарчашмаҳои асосии афзоиши фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мебошанд (с.93-94). Вобаста ба ин, муаллиф дар асоси маълумотҳои омории корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе таҳлили иқтисодӣ – риёзиро бо истифодаи воситаҳои коррелятсионӣ ва регрессионӣ анҷом додааст. Унвонҷӯ амсилаи иқтисодӣ – риёзии арзиши аслии маҳсулоти ширии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро истифода намуда, дурнамои нишондиҳандаи фоидаи корхонаҳои саноатии шаҳри Душанберо дар алоҳидагӣ барои солҳои 2023-2030 ҳисоб кардааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия"Перспективаи идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти**

**ширӣ дар шаҳри Душанбе” (с.108-147).** - самтҳо ва роҳҳои асосии идоракунии баландбардории фоида такмил дода шуда, нақшаи маҷмуии идоракунии хароҷотҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе таҳия карда шудааст.

Муаллиф дар такя бо таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нақшаи функсионалии кластери саноати ширро пешниҳод намуда аниқ кардааст, ки “натанҳо маҳсулоти хушсифати ширӣ истеҳсол намудан, балки роҳи дурусти онро ба фурӯш бароварадан низ боиси рушди минбаъда ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мегардад”(с.112). Қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи диссертант таҳлили фаъолияти самараноки экосистемаи маркетинг, корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва истифодаи воситаҳои маркетингиро барои ҳар як сегменти бозор анҷом дода шудааст. Инчунин ташкили дурусти бизнес – равандҳо, истифодаи лизинг дар истеҳсолот, ба роҳ мондани инжиниринг ва реинжиниринг дар фаъолият ва гузариш ба зеҳни сунъиро самтҳои асосии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ пешниҳод шудааст (с.116-119).

Роҳҳои перспективии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо пешниҳоди нақшаи идоракунии кам кардани арзиши аслӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (ҷадвали 3.2.16.) ҷолиби диққат мебошад (с.122). Принсипҳо ва вазифаҳои идоракунии кам кардани хароҷотҳо, давраҳо, вазифаҳо ва объекти идоракунӣ ва сарфаи захираҳо, аз ҷумла сарфа аз кам кардани хароҷоти шумораи захираҳои моддии корхонаҳои саноатии маҳсулоти ширӣ, сарфаи хароҷоти музди меҳнат дар натиҷаи кам кардани меҳнатталаӣ ба воҳиди маҳсулоти ширӣ аниқ гардидааст (с.129-132).

Дар диссертатсия равиши нисбатан нави стратегӣ,ки ба принсипи амбидекстрӣ асос ёфтааст, ҷолиби диққат мебошад.Зарурати истифодаи амбидекстр дар фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ муфид бошанд,чунки он ба натиҷаҳои кори корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, баланд шудани ҳосилнокии меҳнат таъсири мусбат расонида, дугонаи ташкилӣ барои рушди дарозмуддати корхонаҳои саноатӣ ва ба рақобатпазирии маҳсулотҳои истеҳсолшуда зарур аст (с.139-140). Муаллиф вобаста ба раванди коркард ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар асоси қабули қарорҳо мушкилотҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти

шириро ба инобат гирифта мушкилотҳои системавие,ки такрористеҳсолкунӣ, харид ва парвариши чорвои нисбатан ҳосилдеҳ, ташкили базаи хуби хӯроки чорво ва риояи саривақтии реҷаи хӯрокдиҳӣ ва ғайра сабабҳои асосии ҳаҷми нисбатан ками истеҳсоли шир дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аниқ ва асоснок намудааст (саҳ.81-83).

Дар қисмати хулоса натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот пешниҳод гардидааст.

**5.Асоснокӣ ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Асосҳои назариявии диссертатсияро асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳалли муаммоҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ташкил медиҳауд. Ба сифати маводи ибтидоӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақомоти давлатӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳои оморӣ, инчунин маводҳои конференсияҳои илмӣ ва амалӣ, монографияҳо, маводҳои нашрияи давлатӣ, захираҳои иттилоотии «Internet» истифода бурда шудаанд. Хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмӣ ва амалии ҷумҳуриявӣ, семинарҳои илмию амалӣ баррасӣ ва эътироф шудааст. Муаллиф аз адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот хеле хуб истифода кардааст, мустақилона далелҳои оморӣ ва натиҷаҳои таҳқиқи шахсии худро дар диссертатсия коркард ва таҳлил намуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии идоракунии баландбардлории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро асоснок кардааст. Муқаррароти асосии назариявии диссертатсия бо пешниҳодҳои мушаххас аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, барои такмили роҳҳои баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва идоракунии роҳҳои баланд намудани фоида корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе пешниҳод гаштаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар нашриёти тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шудаанд. Хулосаҳои муаллиф оид ба такмили усулҳо ва механизми баландбардории фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе илман асоснок карда шудаанд. Шиносоӣ бо диссертатсияи тақризшаванда шаҳодат аз он медиҳад, ки дар он муаллиф дар асоси истифодаи усулҳои маъмули таҳқиқоти иқтисодӣ бо назардошти ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот ба як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

**6.Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия.**

Муқаррароти асосии илмӣ ва хулосаҳои назариявии кори диссертатсионии тақризшаванда метавонанд барои муайян кардани такмили усулҳо ва механизми баландбардории фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе бо дарназардошти истифодаи принсипҳо ва вазифаҳои идоракунии кам кардани хароҷотҳо, давраҳо, вазифаҳо ва объекти идоракунӣ ва сарфаи захираҳо, аз ҷумла сарфа аз кам кардани хароҷоти шумораи захираҳои моддии корхонаҳои саноатии маҳсулоти ширӣ ва зарурати истифодаи амбидектеср дар фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои ба даст овардашудаи илмӣ аз нигоҳи методӣ, усулҳои таҳия ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба такмили усулҳои баландбардории фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва мутобиқгардонии қарорҳои идоракунии механизми баландбардории фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ истифода кардан мумкин аст. Инчунин хулосаҳо ва муқаррароти илмии дар кор асоснок гардида метавонад, ҳангоми таҳия ва амалисозии барномаҳо, стандартҳо, такмили усулҳо ва механизми баландбардории фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ истифода карда шаванд. Хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия метавонанд барои омодасозии заминаҳои методӣ ва ҷиҳатҳои амалии барномаҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ истифода карда шаванд.

**7.Мутобиқати мазмуни автореферат ба мазмуни диссертатсия.**

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқи диссертатсиониро инъикос намуда, дар он тавсифи умумӣ ва муҳтавои асосии диссертатсия, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, феҳристи интишороти илмии муаллиф доир ба мавзуи таҳқиқот ҷой дода шудааст.

**8.Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Дар баробари ҳалли мсъалаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои ба дастовардашуда баъзе камбудиҳои алоҳида, андешаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ба монанди:

1.Дар боби якуми диссертатсия асосҳои назариявии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсолоти маҳсулоти ширӣ хеле хуб асоснок карда шудаанд. Вале оид ба хусусиятҳои фарққунандаи омӯзиши раванди идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ кам таваҷҷуҳ дода шудааст.

2.Дар диссертатсия иқтибосҳо аз корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба қадри кофӣ оварда нашудааст ва оид ба эътироф ё назари мунаққидонаи муаллиф нисбати онҳо кам дида мешавад. Ҳоло он, ки дар солҳои охир наздик ба мавзӯи таҳқиқшаванда иқтисодчиёни бисёри тоҷик рӯ овардаанд.

3.Ҳангоми омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ доир ба усулҳои идоракунии хароҷот бартарияти ин усулҳо бо далеловариҳои мушаххас пешниҳод нашудааст.

4.Дар боби дуюм ҷадвали пешниҳодшудаи 2.2.6. ҳамчун хусусияти иттилоотидошта пешниҳод шудааст. Агар дар баробари пешниҳоди ҷадвал ҳиссаи хароҷоти қувваи барқ ва гармӣ ба далеловариҳои иқтисодӣ аз рӯи маълумоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ нишон дода мешуд, он гоҳ таҳлил ҳадафрас мебуд.

5. Дар боби сеюм нақшаи идоракунии хароҷотҳои арзиши аслӣ ба таври маҷмӯӣ оварда шудааст ва мувофиқи он ҳисоби сарфаи захираҳо пешниҳод шудааст, аммо он бо маълумотҳои дохилии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ асоснок нашудааст.

Ахиран метавон қайд намуд, ки камбудиҳо ва эродҳои пешниҳодшуда моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро коҳиш намедиҳад ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

**9.Мувофиқати диссертасия ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ.**

Диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта мебошад, натиҷаҳои ба даст овардашударо дар худ ниъикос мекунад, ки ба ҳалли муаммоҳои баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсолоти маҳсулоти ширӣ мусоидат менамояд. Кори диссертатсионӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардашудаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсолоти маҳсулоти шириро тараққӣ медиҳанд.

Кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи "Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти

ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)" кори анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, тахти №267 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Сафарзода Гулбегим Гурез дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика дода шавад.

**Муқарризи расмӣ,**
Профессори кафедраи назарияи иқтисод
ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи
(славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори
илмҳои иқтисод, профессор, академики
Академияи байналхалқии илми
мактабҳои олӣ Комилов С.Ҷ.

Имзои Комилов С.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям,
Сардори идораи кадрҳои Донишгоҳи
(славянии) Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯч.М.Турсунзода, 30
Телефон: (992) 37, 221-75-50
E-Mail: sirodj1950@mail.ru

*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015*
*назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон*
*ба номи академик М.С. Осимӣ*

## ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмии н.и.и. Джумаев Уктам Мирзоёрович ба диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатим истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика**)

**1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисолаи диссертатсионии Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)» ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика): б. 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методии арзёбӣ ва баландбардории самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; б. 6. Ташаккул ва амалкарди бозори маҳсулоти саноатӣ. Нархгузори дар бозорҳои маҳсулоти саноатӣ; б. 11. Асосҳои назариявӣ ва методии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккул ва рушди истеҳсолоти саноатии вогридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда.; б. 24. Ташаккулёбӣ ва рушди сохторҳои кластерӣ дар саноат ва энергетика, тавсеаи инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ва энергетика.

**2.Мубрамии мавзӯи таҳқиқот**

Саноати ширӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле хуб ривоҷ гашта аз рӯи ҳиссагузорӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ пас аз истеҳсоли маҳсулоти гуштӣ дар мавқеъи дуюм меистад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи худи саноати хӯрокворӣ дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии саноатӣ 26%-ро ташкил намуда ба яке аз соҳаҳои дорои иқтидори баланди рушд дохил мешавад. Пӯшида нест, ки дар солҳои охир омилҳои ноустувори сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақавӣ ҳамчун алоқаи занҷирии ҳамгироии иқтисодиёти глобалӣ ва минтақавӣ ба иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбӣ ва манфии худро расонида истодаанд. Аз як ҷиҳат таъсири мусбӣ дар инкишофи савдои беруна бо давлатҳои ҳамсоя дида мешавад, аз ҷиҳати дигар дида мешавад, ки дар савдои хориҷӣ ҳиссаи воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ ҳамчунин маҳсулоте, ки аз шир истеҳсол шудааст, афзун намуда ба фоиданокии фаъолияти корхонаҳои саноати миллӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ва дар ин самт зарурият ба миён меояд, ки самтҳои баландбардоштани фоиданокии корхонаҳои саноатӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда самтҳои таъмини сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ таҳия карда шаванд.

Вазифаҳои мазкур ба мақсаду мароми Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва ҳадафҳои саноатикунонии босуръат дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 мувофқат менамоянд. Аз ин ҷумла мавзуи интихобшудаи диссертатсия хеле мубрам ба ҳисоб меравад.

**3. Навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот дорои навгонии илмӣ, дохил мешаванд:

- муаллиф мафҳуми фоидаро дар асоси принсипи таъмини самаранокии фаъолияти истеҳсолии корхона инкишоф дода, манбаҳои ташаккул ва роҳҳои таъсири фоидаи корхона ба захираҳои дохилии рушдро муайян намуд, ки дар асоси он консепсияи идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноати ширӣ пешниҳод карда шудааст;
- ҳолати воқеъи, ҳаҷми фуруш ва фоидаи корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе баҳо дода шуда, омилҳои асосии ба тамоюл, сатҳ ва ояндабинии фоиданокии корхонаҳои саноати ширӣ таъсиркунанда, аз ҷумла иқтидори истеҳсолии корхона, мавқеъи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, устуворнокии занҷираи таъминоти шир, сифати маҳсулот ва воридоти он ба бозорҳои маҳаллӣ ошкор карда шудаанд;
- омилҳои асосии ба идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ таъсиррасон аз ҷониби муаллиф муайян, гуруҳбандӣ, тасниф ва асоснок карда шудаанд;
- муаллиф дар асоси усули таҳлили омории коррелятсияи ҷуфт нишондиҳандаҳои асосӣ вобаста ба идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ шаҳри Душанбе (дар мисоли ҶДММ “Палуд”, ҶДММ “Саодат” ва ҶСП “Комбинати шири ш. Душанбе”) мавриди таҳқиқ қарор дода самтҳои имконпазири идоракунии фоидаи корхонаҳоро дар асоси таъсиррасонӣ ба вобастагии ҳаҷми фуруш, воридоти технологияҳои навин ва идораи шумораи кормандонро асоснок намудааст;
- баҳри баландбардории фоиданокии корхонаҳои саноати ширӣ аз ҷониби муаллиф низоми истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда дар мисоли ташкили кластери саноати шир таҳия ва асоснок карда шудааст, ки дар навбати худ ҳамгироии мақсадноки фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ, молиявӣ ва хизматрасонӣ дар асоси чаҳорчубаи танзим ва рушди ҳамкории тарафайн бо шарикони калидӣ ва сохтори давлатиро ифода менамояд;
- модели кам кардани арзиши аслӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба таври маҷмӯӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки вазифа, усулҳо, давраҳо ва объектҳои идоракнии хароҷотҳои корхонаҳоро тавсиф медиҳад.

**4. Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 7 мақола (дар ҳаҷми 6 ҷ.ч.) аз он 6 мақола маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

**5. Аҳамияти назариявӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот бо назардошти тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо.**

Аҳамияти назариявии кор дар таҳияи минбаъдаи назария (с. 20-33, с. 40-43), ва методологияи (с. 35-37, с. 46-55) таҳқиқи равандҳо оид ба идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ дар мисоли саноати ширӣ, муайян ва таснифи омилҳои асосии ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасон (с. 82-85) ва таҳияи модели кам кардани арзиши аслӣ дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (с. 121-124) ба ҳисоб меравад.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертсионӣ дар он дида мешавад, ки равишҳо, усулҳо, модел ва методологии пешниҳодшуда заминаи назариявӣ ва методологии таъмини идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ метавон дар амал бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи фоиданокии корхонаҳои саноатӣ (с. 96-107) ва ташкили модели самараноки муттаҳиди иқтисодии корхонаҳои истеҳсолӣ (с. 110) мавриди истифода қарор дода шаванд.

Ахамияти иктисодӣ ва иҷтимоии натичахои таҳкикоти диссертационӣ дар такмили низоми идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ дар корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дида мешавад. Баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ба ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз қабили паст кардани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ оварда мерасонад (с. 142-146).

**6. Мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Рисола аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, нӯҳ параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёт аз 128 адад иборат аст. Диссертатсия дар 167 саҳифаи чопӣ пешниҳод шуда, дар он 16 ҷадвал ва 15 расм оварда шудааст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия аҳамияти масъалаи таҳқиқшаванда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шуда, дараҷаи инкишофи масъала ва унсурҳои навоварии илмӣ бо дарназардошти аҳамияти назариявӣ ва амалии кори диссертационӣ пешниход карда шудаанд (с. 4-15).

Дар боби аввали диссертатсия **«Асосҳои назариявии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ»** (с. 16-62) масъалаҳои консептуалии идоракунии фоидаи корхонаи саноат (с. 16-30), хусусиятҳои идоракунии баландардории фоидаи корхонаҳои саноати истеҳсоли мҳсулоти ширӣ (с. 30-44), ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар идоракунии фоидаи корхона ва афзун намуани он (с. 44-62) мавриди тахкик карор гирифта шудаанд.

Муаллиф хангоми тахлили назарияхои олимон оид ба мафхум ва консепсияи идоракунии фоида ба хулосае меояд, ки идоракунии фоидаи маҳсулоти ширӣ аз ашёи хом (шири хушсифат), бевосита аз занҷираи таъминот ё ташкили самараноки марҳилаи аввали истеҳсолот вобастагии калон дорад (с. 24-25). Ин хулосабарорӣ аз нигоҳи илмӣ дуруст аст, зеро ки дар корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ки унсурҳои таркибии комплекси

агросаноатиро ташкил медиҳанд алоқабандии фаъолияти иқтисодии корхонаҳо дар ҳамвобастагӣ бо хоҷгиҳои фермерӣ дар як занҷираи таъминот бояд мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд.

Таснифоти фоида аз рӯи манбаҳо, ки аз ҷониби муаллиф оварда ва асоснок шудааст, кобили кабул аст (с. 33-35). Дар хақиқат манбаҳои ташаккули фоидаи корхонаи саноатӣ аз сатҳ ва сифати қабули қарорҳои идоракунӣ вобаста буда ҳамчун ченаки арзёбии самаранокии идоракунии корхона истифода бурдан мумкин аст. Дар қабули қарорҳои идоракунии ва баланбардории фоиданокии корхона диққати махсусро ҳамчунин ба иқтидори иқтисодию молиявӣ, технологӣ ва илмию инноватсионии корхона додан лозим аст.

Системаи методологии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатӣ ба мисли “директ-костинг”, “стандарт-костинг”, “таргет-костинг” ва усули АВС (с. 48-56) дорои аҳамияти махсуси илмӣ буда дар арзёбии самтҳои баландбардории фоидаи корхонаи саноатӣ метавонад мавриди истифода қарор дода шавад. Аз нигоҳи мо системаи пешниҳодшуда хусусияти функсионалӣ дорад ва категорияи фоидаро дар доираи сикли идоракунии он аз марҳилаи банақшагирӣ то ба даст даровардани даромад метавонад баҳогузорӣ намояд, ки барои таҳлили ҷанбаҳои умумии ташаккули фоидаи корхонаи истеҳсолӣ хеле мудао аст.

Дар боби дуюм “**Ҳолати муосири идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе**” масъалахои марбут ба тахлили вазъи фоиданокии корхонахои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе (с. 63-77), омилхои асосии ба идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ таъсиркунанда тахқиқ гашта (с. 78-92), бо истифода аз усулҳои инструменталию математикӣ ҳолати муосири идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ дар мисоли ҶДММ “Палуд”, ҶДММ “Саодат”, ЧСП “Комбинати шири ш. Душанбе” (с. 93-107) таҳлил гаштаанд.

Муаллиф дар асоси тахлили нишондиханадахои молиявии корхонаҳои саноати истеҳсоли маҳсулоти ширӣ шаҳри Душанбе (с.68-76) ба хулосае меояд, ки калобиши даромади корхонаҳо аз мавсими будани талаботи аҳолӣ ба як қатор маҳсулотҳои ширӣ вобаста аст. Бинобар ин, тавре, ки дуруст қайд шудааст, корхонаҳои саноатӣ бояд дар бораи зарурияти таҳияи стратегияи маркетингии пешбурди маҳсулоти истеҳсолӣ дар тамоми фаслҳои сол андешронӣ намоянд. Муаллиф дуруст ба хулосае меояд, ки усулхои нави иҷроиши фаъолият ва суръати татбиқи технологияҳои нав метавонанд бартарияти рақобатпазирии корхонаҳоро пурзур намоянд (с. 77).

Омилҳои ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасон тасниф ва асоснок шудаанд.(р. 2.2.5 , с. 84). Муҳим аст, ки омилҳои пешниҳодшуда метавонанд дар таҳияи механизми ташаккулёбӣ ва афзоиши фоидаи корхонаи саноатӣ истифода бурда шаванд ва читавре ки муаллиф дуруст қайд намуд - дурнамои фоидаи корхона дар доираи

механизми пешниҳодшуда бояд ҳатман боназардошти таъсири тағйирёбии нархҳои истеъмолӣ, тавварум (с. 88) таҳия гардад.

Матритсаи коэффисиентҳои коррелятсияи фоидаи корхонаҳои саноатии ҶДММ "Палуд", ҶДММ "Саодат", ЧСП "Комбинати шири ш. Душанбе", ки аз ҷониби муаллиф таҳқиқ гаштаанд (с. 96-106) дар ҳақиқат вобастагии мутлақ байни фоидаи корхона ва шумораи кормандонро нишон медиҳад, ки татбиқи технологияҳои инноватсионӣ баҳри баланд бардоштани чандирияти афзоиши фоидаи соф самараи хуб хохад дод. Дурнамои коррелятсионии арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои саноатӣ ки аз ҷониби муаллиф таҳия шудаанд, дрои аҳамияти илмӣ мебошанд (с. 107).

Дар бобои сеюм бахшида ба "**Перспективаи идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе**" самтҳои асосии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (с. 108-121) таҳия гашта, роҳҳои перспективии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ (с.121-179) такмил ва асоснок шудаанд (с. 137 - 147).

Накшаи функсионалии кластери саноати шир (р.3.1.15, с. 110) барои коркарди тавсияҳои мақсаднок оид ба дастгирии рушди ширкатҳои истеҳоли ширӣ дар ҳамоҳангӣ бо дастгирии давлатӣ, таҳияи зерсохтор ва ҳамкории соҳаи илм - хеле аҳамияти хоса дорад. Боиси қайд аст, ки чунин кластерҳои саноатӣ метавонанд шароити муфидро баҳри инкишофи устувори тамоми иштирокчиёни он, ташкил намоянд. Модели пешниҳодшуда оид ба кам кардани арзиши аслии маҳсулот (р. 3.2.16, с. 122) дар таъмини болоравии фоидаи саноати ширӣ аҳамияти хоса дорад.

**7. Мутобиқати диссертатсия ба талаботи расмии КОА**

Диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд. Диссертатсия дорои муқаддима, аҳамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи коркарди масъала, робитаи мавзӯи диссертатсия бо барномаҳои асосии илмӣ, корҳои асосии таҳқиқотии муассисаҳои илмӣ, ҳадафи таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисос, саҳми муаллиф дар таҳқиқот, нашри натиҷаҳои таҳқиқот буда, аҳамияти пурраи онро инъикос мекунад.

**8. Эроду тавсияхо ба таҳқиқоти иҷрошуда.** Дар баробари афзалиятҳо ва натиҷаҳои назарраси диссертатсия,ба андешаи мо диссертатсия аз камбудиҳо низ холӣ намебошад. Ба сифати тавсияву эродҳо чунин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Ҳангоми таҳқиқи асосҳои илмии фоидаи корхонаҳои саноатӣ бисёр хуб мешуд, ки агар муаллиф тафсири худро оид ба мукаммалсозии методологияи арзёбии фоидаи корхонаи саноатиро пешниҳод намуда, равишҳои муосири таҳлили фоидаи саноати ширӣ дар тамоми марҳилаҳои занҷири таъминот "аз ферма то харидор"-ро васеътар шарҳ медод.

2. Муаллиф дар боби якуми диссертатсия ҳангоми таҳқиқи асосҳои методологии арзёбии фоидаи корхона усул ва нишондиҳандаҳои калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти шириро ба пуррагӣ таҳлил накард. Ба ҳамагон маълум аст, ки паст кардани арзиши аслии маҳсулот ба яке аз омилҳои муҳими афзоиши фоида ба ҳисоб рафта дониши дақикро дар самти ташкили арзиши маҳсулот дар тамоми марҳилаҳои алоҳидаи сикл ва раванди истеҳсолотро тақозо менамояд. Бинобар ин зарурият ба миён меояд, ки нишондиҳандаҳои калкулятсияи арзиши махсулоти ширӣ васеътар шарҳ дода шаванд.

3. Дар саҳифаи 23 диссертатсия муаллиф нақши бозорро дар ташаккули фоидаи корхона тасвир намуд вале хуб мешуд агар дар давоми кор самаранокии сиёсати маркетингии корхонаҳои саноатии истеҳсоли ширӣ ш. Душанбе-ро мавриди таҳлил қарор дода мешуд.

4. Дар параграфи 2.1 диссертатсия аз ҷониби муаллиф таҳлили тамоюли фоидаи корхонаҳои саноати ширӣ ш. Душанбе пешниҳод карда шудааст. Вале арзёбии устувории молиявии корхонаҳои саноатӣ гузаронида нашудааст. Арзёбии устувории молиявии корхонаҳо пеш аз ҳама имкон медиҳад, ки маҷмӯи пурраи нишондиҳандаҳои молиявии корхона мисли сармояи асосӣ ва гардон, қарздории кредиторӣ ва дебитории кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати корхона, дараҷаи ликвиднокии сармоя, рентабелнокӣ ва ғайраҳо мавриди таҳлил қарор дода шавад, то ки манбаҳои имконпазири ташаккули фоидаи корхона ва идоракунии самараноки он ба пуррагӣ муайян карда шаванд.

5. Дар параграфи 3.1-и диссертатсия муаллиф инноватсияро ҳамчун омили асосии инкишофи рақобатпазирӣ ва баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ муайян менамояд. Вале бисёр хуб мешуд, ки агар муаллиф сатҳ ва натиҷагирии татбиқи дастовардҳои илмию техникиро дар мисоли корхонаҳои саноатии ш. Душанбе мавриди таҳқик мегузошт. Ин ба асосноккунии модели пешниҳодшудаи паст кардани хароҷотҳои корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамуд.

6. Дар параграфи 3.2-и диссертатсия муаллиф роҳҳои перспективии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро пешниҳод намуд. Вале бисёр хуб мешуд агар механизми ташкилию иқтисодии баландбардории фоидаи корхонаи саноати ширӣ бо дарназардошти идоракунии арзиш дар марҳилаҳои алоҳидаи сикли истеҳсолот пешниҳод мегардид.

7. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлогӣ ва техникӣ дида мешавад, истифодаи баъзе мафҳумҳо бо забони тоҷикӣ бояд мушаххас гардонида шавад.

Бояд тазаккур дод, ки эродҳои зикршуда ба сатҳи иҷрои диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

**9. Хулоса дар бораи мувофиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Низомнома дар бораи додани унвонҳои илмӣ**

Диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатим истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)» ба асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ бахшида ба маъалаҳои назария ва амалияи идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ асос ёфтааст. Дар раванди таҳқиқот усулҳои гуногуни таҳлили системавӣ, мантиқӣ, оморӣ, усулҳои моделсозии иқтисодию риёзӣ истифода шудаанд. Усулҳои татбиқшуда ба муаллиф имкон доданд, ки дар доираи ҳадафи мушаххаси таҳқиқот хулосаҳои боэътимод ва асоснокшудаи илмӣ, инчунин тавсияҳо ва пешниҳодҳои мушахасро таҳия намояд.

Интишорот дар маҷалаҳо, маърузаҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ, истифодаи натиҷаҳои асосии диссертатсия дар ҶДММ "Палуд", ҶДММ "Саодат", ЧСП "Комбинати шири ш. Душанбе" эътимоднокии натиҷаҳои илмии диссертатсияро тасдиқ мекунанд.

Тақриз нишон медиҳад, ки диссертатсияи пешниҳодшуда дорои навгонӣ ва аҳамияти баланди илмӣ мебошад. Диссертатсия ба талаботи 31, 33, 34, 35, 37, 38, 53, 54, 84 замимаи 2 «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» (ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳо, мувофиқат менамояд.

**Хулосаи умумӣ**

Диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатим истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)» кори илмии анҷомёфта буда, дорои навгонии илмӣ арзёбӣ мегардад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) сазовор мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ** **Джумаев У.М.**

**Имзои У.М. Джумаев-ро тасдиқ мекунам**

**Сардори шуъбаи кадри ФДМИТ МИСИС** ________ **Зарипова М.А.**